# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**доктори илмҳои филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул ба рисолаи илмии унвонҷӯ Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо»**

Искандари Ориф соли 2015 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, соҳиби касби «Филолог. Муаллим» гардидааст. Ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз овони донишҷӯӣ машғул буда, ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ чаҳор маротиба дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ширкат ва ғолиб дониста шудааст. Айни замон ба сифати мудири шуъбаи география, геология, петрография, геодезия ва сейсмологияи Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Точик фаъолият дорад.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия И. Ориф худро ба сифати унвонҷӯи заҳматкаш, сабуру уҳдабаро ва огоҳ аз масъалаҳои назарии адабиётшиносии асримиёнагии форсу тоҷик, матншиносӣ, равишҳои таҳқиқии муосир, таърих ва назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ муаррифӣ карда тавонист. Вай ҳамчун муҳаққиқ мустақилона аз уҳдаи анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ баромада метавонад.

Мақсади асосии кори диссертатсионии И. Ориф аз таҳкики масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ иборат мебошад. Муаллифи рисола, пеш аз ҳама, бо мақсади муайян кардани заминаҳои шоиронагии каломи адиби мазкур шеърҳои ӯро дар сарчашмаҳои муътамади асримиёнагӣ ҷустуҷӯ ва ҷамъоварӣ карда, перомуни масъалаҳои ашъори тамассулӣ дар осори мансури адиб, рубоиёти сайёр ва интисоби онҳо ба Ансорӣ таҳқиқи қобили таваҷҷуҳ анҷом додааст, ки чунин равиш дар адабиётшиносии тоҷик иқдоми ҷадид мебошад. Масъалаи заминаҳои шоиронагии каломи Ансорӣ дар се асл: истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз осори гузаштагон, таъсири хонавода ва муҳити фарҳангии замон, таваҷҷуҳи зиёд ба насри мусаҷҷаъ дар осори адиб таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия асосноку мудаллал буда, дурустии асосҳои назарии дар рисола пешниҳодшударо таъйид мекунад. Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсияаш панҷ мақола чоп кардааст, ки аз ҷумлаи онҳо се мақола дар маҷаллаҳое ба табъ расида, ки шомили рӯйхатти маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳамчунин, ду маколаи унвонҷӯ оид ба мавзуи таҳқиқ дар китоби «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» чоп шудааст. Ҳаҷми умумии корҳои чопшудаи унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия беш аз якуним ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Нововарии таҳқиқи Искандари Ориф дар он зоҳир мешавад, ки дар рисолаи ӯ нахустин маротиба дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ масъалаи хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ба миён гузошта шуда, мабоҳиси алоқаманд ба ин мавзуъ, ба мисли интисоби ашъор ва заминаҳои шоиронагии каломи адиб, ашъори тамассулӣ, рубоиёти сайёр ва интисоби онҳо, ҳаҷм ва табақабандии ашъори шоир ба анвои адабӣ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеӣ ва мухтассоти ҳунарӣ ба таври фарогир ва монографӣ таҳқиқ шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада ва маводди таҳқиқро метавон ҳангоми баррасии паҳлуҳои дигари эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ, таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеии асарҳои манзуму мансур дар давраҳои муайяни таърихӣ, халлоқияти адабӣ, сабкшиносӣ дар таърихи адабиёти аҳди классикии форсу тоҷик ва баррасии куллиёту ҷузъиёти коргоҳи эҷодии адибони ҷудогона истифода кард. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқро амалан метавон дар навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, таълими фанҳои тахассусии адабиётшиносӣ, таҳлили матни бадеӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ истифода кард.

Ҳамин тавр, рисолаи Искандари Орифро кори илмии ба итмомрасидаи дорои аҳаммияти назарию амалие меҳисобам, ки дар сатҳи мақбули илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ**:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
таърихи адабиёти тоҷики ДМТ Мисбоҳиддини Нарзиқул

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Н. Қарабоев, 150.
Телефон: (+992) 936001229
E-mail: hasti70@mail.ru

**Имзои М. Нарзиқулро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.
30 майи соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj